**Суратҷаласаи № 9**

Ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети забони англисии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

аз «23» апрели соли 2022 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 20 нафар аъзои Шурои олимони факултети забони англисии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода 19 нафар иштирок доштанд. 1 нафар бо сабаби узрнок иштирок надошт. Дар кори ҷаласа 19 нафар, ки сохторҳои факултетро намояндагӣ менамоянд ва 2 нафар даъватшудагон иштирок доштанд. Пешниҳод шуд, ки маҷлис кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона рӯзнома қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:**

1.Баррасии диссертатсия Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (дар асоси таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).

**ШУНИДА ШУД:**

Аз рӯйи масъалаи мазкур Мусоямов З. М. – декани факултет, раиси Шурои олимони факултети англисии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода баромад намуд. Қайд кард, ки тибқи тартиби муқарраргардида ба баррасии ҷаласа диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (дар асоси таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ) пешниҳод мегардад.

Экспертизаи давраи аввали диссертатсия дар кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи ДДЗТ ба номи С. Улуғзода баргузор гардида, нусхаи протокол ва хулосаи мусбии кафедраи

мазкур доир ба пешниҳоди он ба экспертизаи давраи дуюм пешниҳод шудааст.

Дар асоси аризаи довталаб оид ба баррасии диссертатсия дар Шурои олимони факултет 2 нафар муқарризони холис – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Ҷаматов С.С. ва номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи забони англиси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода Шарифова А.Ш. таъйин шудаанд, ки дар ҷаласаи имрӯза ҳузур доранд. Ҳамчунин, дар ҷаласа роҳбари илмии довталаб номзади илмҳои филологӣ, дотсент Матробиён С.Қ. ҳузур доранд.

Барои шиносоӣ бо муҳтавои таҳқиқоти диссератсионӣ сухан ба довталаби дараҷаи илмӣ Парвоева Н.З. дода мешавад.

Пас аз анҷоми маъруза аз ҷониби аъзои Шуро ба довталаб саволҳо манзур карда шуданд. Аз ҷумла, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи англис Даминова М. ва номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълим Гадоев К. дар атрофи маърузаи довталаб саволҳо пешниҳод намуда, маърузакунада ба саволҳо ҷавобҳои қонеъкунанда дод.

Баъдан, бо хоҳиши роҳбари илмӣ тақризҳои роҳбари илмӣ ва мушовири илмӣ аз ҷониби котиби Шурои олимони факултет қироат карда шуд.

Сипас, тибқи тартиб муқарризи холис – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Ҷаматов С.С. баромад намуда, ҷанбаҳои мусбии таҳқиқоти диссератсиониро зикр намуда, аз дастовардҳо ва саҳми назарраси довталаби илмӣ дар тақризашон ёдовар шуданд. Ҳамчунин, барои беҳбудии кор тавсияҳо низ манзур намуданд. Дар охири суханрониашон диссератсияро кори комилан бaанҷомрасида номида, барои экспертизаи навбатӣ ба Шурои диссертатсионии назди ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод намудан тавсия доданд.

Баъдан муқарризи холис – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи забони англиси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода Шарифова А.Ш. суханронӣ намуда, ҳамчунин аз кори хуб таҳия шудани диссератсия ёдовар шуданд. Барои беҳбудии кор эродҳои худро манзур намуда, дар маҷмуъ кори диссератсиониро бaанҷомрасида ҳисоб намуда, барои ба экспертизаи навбатӣ ба Шурои диссертатсионии назди ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода тавсия намуданд.

Ба эродҳои муқаррризони холис довталаб Парвоева Н.З. ҷавоби қаноатбахш дод.

Пас аз қироати тақризҳо аъзои Шуро ба муҳокимаи натиҷаҳои диссератсия пардохтанд.

Дар муҳокима аъзои Шуро – номзадони илм Соҳибназарова Ҳ, Даминова М., Кесамирова С., Гадоев К., Ашӯрова Т. иштирок намуда, пешниҳоди муқаррризони холисро ҷонибдорӣ намуда, қайд карданд, ки таҳқиқи муқоисавии хусусиятҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳо дар забоншиносии тоҷик ҳарчанд аз ҷониби муҳаққиқон ба роҳ монда шудааст, аммо дар муқоиса бо яке за забонҳои шарқии эронии Тоҷикистон, яъне забони вахонӣ ин кори аввалин мебошад. Дар таҳқиқоти диссератсионӣ воқеан паҳлуҳои гуногуни фарҳангию миллии зарбулмасалҳо мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифта, натиҷаҳои он барои рушди паремиалогияшиносии тоҷик аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

Таъкид гардид, ки ихтисос ва номи мавзуи диссератсия ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссератсия пурра мувофиқат мекунад. Дар охири суханрониашон ҳамаи музокиракунандагон пешниҳоди муқаррризони холисро дар хусуси ба экспертизаи навбатӣ ба Шурои диссертатсионии назди ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода тасия додани таҳқиқоти диссератсионӣ дастгирӣ намуданд.

Баъд аз муҳокима таклифи муқаррризони холис ва аъзои Шуро дар мавриди ба экспертизаи навбатӣ ба Шурои диссертатсионии назди ДДЗТ

ба номи Сотим Ӯлуғзода пешниҳод намудани диссератсияи Парвоева Н.З. ба овоз монда шуд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

- тарафдор – 19 нафар;
- муқобил – нест;
- бетараф – нест.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида ва ба талаботи «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ мебошад.
2. Диссератсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ) барои экспертизаи навбатӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод карда мешавад.

Раиси Шурои олимони
Факултети забони англисӣ,
н.и.ф., дотсент Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич

Котиби Шурои олимони
факултет, н.и.ф., дотсент Султонзода Мижгона

23.04.2022